**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои
таърих, профессор Ибодуллозода А.И.

«___» январи ____ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
## ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин** дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултаи забони англисӣ ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия **Орзузода Парвина Ҷамолидин** унвонҷӯи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултаи забони англисӣ ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт.

**Довталаби дараҷаи илмӣ Орзузода Парвина Ҷамолидин** соли 1993 ба факултаи забонҳои хориҷӣ, шуъбаи англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳозира Садриддин Айнӣ) дохил шуда, соли 1998 донишгоҳи мазкурро бо дипломи дараҷаи муттахассис аз рӯйи ихтисоси «забонҳои англисӣ ва немисӣ» хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 19-уми ноябри соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии **Орзузода Парвина Ҷамолидин «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон аз 6-уми майи соли 2022, № 11/5.1 таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» **Каримов Шуҳрат Бозорович** тасдиқ шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Орзузода Парвина Ҷамолидин** имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърихи фалсафа ва илм бо баҳои 4(хуб) аз 26.05.22, аз фанни забони хориҷӣ (франсузӣ) бо баҳои 4(хуб) аз 29. 06.2023 ва аз фанни забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ бо баҳои 4(хуб) аз 09. 12. 2023 бомуваффақият супоридааст.

Диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин** дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 24. 01. 2025, №6/5.1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:**

1. **Н**оми мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад**.**
2. **Масъалаҳои дар рисола баррасишуда** ҳангоми таҳия ва навиштани дастурҳои таълимӣ барои факултаҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад. Бахшҳои ҷудогонаи диссертатсияро ҳамчун маводи боэътимод ҳангоми гузаронидани семинарҳои махсус роҷеъ ба масъалаҳои наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бахшҳои филологӣ, тарҷумонӣ ва забонҳои хориҷии мактабҳои олӣ истифода намудан мувофиқи матлаб мебошад. Инчунин, маводи таҳқиқии мазкур метавонад дар таҳияи курсҳои назариявӣ аз фанҳои «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Забоншиносии умумӣ» ва «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Назария ва амалияи тарҷума» истифода шавад.
3. **Ҳаҷми диссертатсия мутобиқи** банди 28-и Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати дисертатсия ба расмият дароварда шудааст.
4. **Теъдод ва мазмуни интишорроти натиҷаҳои** илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мувофиқат мекунад. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърӯзаву гузоришҳо, конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати проффесорон устодони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.
5. **Саҳми шахсии доиталабро** дар раванди таҳқиқ ба даст овардани мавод вобаста ба мавзуи диссертатсия ва корҳои зерини анҷомдода дар бар мегирад: а) таҳлили шарҳи назариявии адабиѐти илмии мансуб ба мавзуи пажуҳиш, яъне ҷумлаи пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; б) ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод аз сарчашмаҳои мушаххас, яъне аз асарҳои «Ҷейн Эйр»-и Шарлотта Бронте, «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, «Пирамард ва баҳр»-и Эрнест Ҳемингвей ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои тоҷикиву англисӣ; в) муайян намудани мавқеи пайвандакҳои тобеъкунанда, вожаҳои ҳамнисбат ва интонатсия, мутобиқати шаклҳои феълию

хабарӣ дар ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забонҳои муқоисашаванда бо такя ба асарҳои зикргардида; г) нишон додани вижагиҳои ба ҳам монанд ва фарққунанда дар мавриди таҳлили ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа; д) хулосаву пешниҳодҳои мушаххас, ки аз натиҷаи таҳқиқот ба даст омадаанд.

Диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин** дар мавзуи «**Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия бо бандҳои 31-35 – 37 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» - и Қарори Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 ва шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиѐти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,2 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1- М]. Орзуева П. Ҷ.** Истифодаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб ва замон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / П. Ҷ. Орзуева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе – 2022. - №1. – С. 96-101. ISSN 2219-5408.

[2-М]. Орзуева. П. Ҷ. Воситаҳои асосии алоқаи тобеи ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа бо сарҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / П.Ҷ. Орзуева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. - №4. – С. 65 - 70. ISSN 2219-5408.

[3-М]. Орзуева. П. Ҷ. Ифодаи маъноҳои асосӣ ва вазифаҳои эзоҳии ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / П. Ҷ. Орзуева // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. - № 6. – С. 58-64. ISSN 2413-516X.

[4-М]. Каримзода. Ш. Б., Орзуева. П. Ҷ, Мавқеъ ва истифодаи интонатсия дар ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва

англисӣ [Матн] / Ш. Б. Каримзода., П. Ҷ. Орзуева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. - №6. – С. 7-14. ISSN 2219-5408.

[5-М]. Орзуева П. Ҷ. Нақши калимаҳои ҳамнисбат дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / П. Ҷ. Орзуева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. - №3. – С. 59-64. ISSN 2219-5408.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишороти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Орзуева. П. Ҷ. Истифодаи пайвандакҳои тобеъкунандаи чунки, зеро ки, азбаски (since, for, - because, as)дар ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / П. Орзуева // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар макотиби таҳсилоти олӣ. мав. конф. илмӣ- амалии байналмилалӣ. – Душанбе, 2023. – С. 141-144.

[7-М]. Orzueva P.J. The using of subordinating conjunctions in adverbial clauses of cause in Tajik and English languages / P. J. Orzueva //Collection of Articles of Scientific and Practical International Conference entitled “Language is an important carrier of historical memory”.– Dushanbe, 2024. - P. 76 - 81.

[8-М]. Орзуева, П. Ҷ. Воситаҳои гуногуни истифодаи пайвандаки «ки» дар ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / П. Орзуева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Муносибати босалоҳият дар рушду нумуи таълими забони хориҷӣ. – Душанбе, 2024. - С. 96 - 99.

[9-М]. Орзузода П. Ҷ. Мавқеи истеъмолии пайвандаки «азбаски» (since) дар ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забони тоҷикӣ ва мувофиқати он дар забони англисӣ / П. Орзуева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва хитоӣ) дар шароити муосир» (Бахшида ба 80-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ). – Кӯлоб, 2024. – С. 157-159.

## Ҷаласа қарор қабул кард:

1. Диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин** дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (номзади илмҳои филологӣ)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 10.02.20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ ба ҳимоя тавсия шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар таърихи 24-уми январи соли 2025 суратҷаласаи № 6 /5.1 қабул гардид.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 13 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** "тарафдор" – 13 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавӣ
н.и.ф., дотсент

Комилов Мирато Миршаробович

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони
кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавӣ, н. и. ф. Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич

24.01.2025 с.

Имзоҳои М.М. Комилов ва М. С. Раҳматуллоевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Нишонӣ 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121
Тел: +992 (37) 224 13 83
E –mail: info@tgpu.tj
www.tgpu.tj